# ДАСТУРАМАЛ
## оид ба пур кардани ҳисоботи шакли № 57 – алоқа «Оид ба нокилҳои шунавоии овозӣ»

Ташкилотҳои алоқа – ваколатдорон ҳисоботи пурраро барои хизматрасониҳои ноҳияҳо тайёр менамоянд.

Барои пур кардани нишондиҳандаҳои сатрҳои 110-130 шиносномаи иншоотҳои истгоҳӣ марказҳои интиқоли радиоӣ (радиошунавоӣ) асос шуда метавонад.

Ба қатори марказҳои радиошунавоӣ (сатри 110) марказҳои таҷҳизотҳои поенӣ ё фосилавии воситаҳои пурзуркунандаро дар бар мегирад, инчунин истгоҳҳои қувватфизое, ки аз дигар нуқтаҳои аҳолинишин идора карда мешаванд, дар бар мегирад.

Истгоҳҳо ва зеристгоҳҳо бо пайвасти шабакаҳо ба онҳо дар як нуқтаи аҳолинишин ҷойгирбуда, аз усули идоракунии (дастӣ ё фосилавӣ масофавӣ) дар сатри 110 чун як маркази радиоӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар сатри 120 миқдори марказҳои радиоие инъикос меёбанд, ки мунтазам намоиши як барномаро дар як вақт пахш мекунанд.

Истгоҳҳо ва зеристгоҳҳои ба шабакаҳо пайваст, ки дар нуқтаҳои аҳолинишин ҷойгиранд, аз истгоҳи марказӣ идора шуда ва як маркази радиоӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар сатрҳои 140 – 149 нуқтаҳои интиқоли радиоӣ тасвир шудаанд.

Нуқтаи интиқоли радиоӣ васлак ба ҳисоб рафта, ба шабакаи овозии ноқилхои шунавоӣ пайваст карда шудааст, радиои дорои се барнома ё баландгуяки як барномави ба он пайваст карда намешавад.

Дар сатрҳои 142, 146, 149 миқдори нуқтаҳои интиқоли радиоие нишон дода шудаанд, ки дар худуде ҷойгир карда шудаанд, ки мувофиқи санадҳои қонунгузори ба деҳот дохил мешаванд.

Дар сатри 148 нуқтаҳои радиоӣ хонагие нишон дода мешаванд, ки дар утоқхо ва хуҷраҳои манзилҳои истиқоматӣ, ҳавлиҳои алоҳида, хобгоҳҳо новобаста аз мансубияти идорави ҷойгир шудаанд.

Дар сатри 210, 220 масофаи тулонии танҳо хатҳои ҳавоии интиқоли радиоӣ бо такягоҳи худи (симчубҳо ва пояҳо) нишон дода мешаванд.